*УДК 339.1*
*ББК 65.42*

**НАҚШИ ИНТЕРНЕТ-САВДО ДАР ТАШАККУЛИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

***Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович,*** *д.и.и., профессори ДДҲБСТ;* ***Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна,*** *доктoранти курси 1, ихтисоси 6Д050602 – Иқтисодиёти минтақавӣ, ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

**РОЛЬ ИНТЕРНЕТ-ТОРГОВЛИ В ФОРМИРОВАНИИ ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

***Ризокулов Туракул Рабимкулович,*** *д-р экон. наук, профессор ТГУПБП;* ***Хасанова Мухиба Ильхомджановна****, докторант 1-го курса специальности 6Д050602 – Региональная экономика, ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

**THE ROLE OF E-COMMERCE IN THE FORMATION OF DIGITAL ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Rizoqulov Turaqul Rabimqulovich,*** *Dr. of Economics, Professor of TSULBP;* ***Hasanova Muhiba Ilhomjonovna,*** *Doctoral student of the first year, specialty 6D050602 – Regional economy, TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *muhiba-1997@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёти рақамӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, иқтидори Интернет, интернет – савдо, Индекси EDGI, бизнеси электронӣ, ҳукумати электронӣ, Индекси глобалии инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ*

*Ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти рақамӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, дар асоси ақидаҳои олимони хориҷию ватанӣ ба мафҳуми «иқтисоди рақамӣ» тасҳеҳ ворид карда шудааст. Ҳамзамон санадҳои меъёрии ҳуқуқии ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ оид ба гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Дар асоси таҳлили Индекси рушди ҳукумати электронӣ, Индекси глобалии инноватсионӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои байналхалқӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Ташкилоти ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ, бизнес-мактаби байналмилалии INSEAD ва ғайра гузаронида мешавад, ҳолати рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ дар муқоиса бо нишондиҳандаи баъзе кишварҳои ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Инчунин, масъалаҳои ташаккули бизнес тавассути шабакаи Интернет ва дар платформаҳои Интернет ба роҳ мондани муносибатҳои тиҷоратӣмавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои инкишофи интернет-савдо арзёбӣ гардиданд.*

***Ключевые слова****: цифровая экономика, информационно-коммуникационные технологии, потенциал Интернета, интернет – торговля, Индекс EDGI, электронный бизнес, электронное правительство, Глобальный инновационный индекс, инновационная деятельность*

*Рассматриваются теоретические аспекты цифровой экономики, и, исходя из взглядов зарубежных и отечественных ученых, предлагается своя трактовка понятия «цифровая экономика». Наряду с этим изучаются нормативно-правовые акты по формированию экономических отношений в период цифровизации экономики Республики Таджикистан. На основе анализа Индекса развития электронного правительства, Глобального инновационного индекса, рассчитываемых международными*

*организациями, в частности ООН, Всемирной организацией интеллектуальной собственности, Международной школой бизнеса INSEAD и другими, в сравнении с показателями некоторых стран мира оценено состояние цифровизации экономики РТ. Также проанализированы проблемы формирования бизнеса через Интернет, изучены коммерческие отношения на интернет-платформах, оценены особенности развития интернет-торговли.*

***Key-words****: digital economy, information and telecommunication technologies, Internet potential, e-commerce, EDGI index, e-business, e-government, Global innovation index, innovation activity*

*The article dwells on theoretic aspects of digital economy and, proceeding from the views of home and foreign scholars, the authors propose their own treatment of the notion "digital economy". Alongside with it, there are studied normative-legal instruments on the formation of economic relations in the period of economy digitalization in Tajikistan Republic. The state of economy digitalization of TR is assessed in comparison with the indices of other countries of the world; herewith, the following data were taken for analysis: Index of development of the electronic government, Global Innovation Index, Indices were calculated, in particular, by UNO, World organization of Intellectual property, INSEAD International Business School and other institution. The state of TR economy digitalization is compared with the indices of some world countries. The authors have analyzed also the problems of business formation through Internet, they have studied commercial relations on Internet-platforms and assessed the specifities of Internet-commerce development.*

Ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳониро мушоҳида намоем, маълум мешавад, ки ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ бо суръати кайҳонӣ рушд намуда истодааст. Дар даҳсолаи охир иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон аз низоми анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ гузашта истодааст. Иқтисоди рақамӣ навгоние дар рушди иқтисодиёт аст, ки байни давлатҳои тараққикарда паҳн шудааст. Мувофиқи консепсияи иқтисодиёти рақамӣ маълумотҳои дар шакли рақамӣ (электронӣ) пешниҳодшуда омили калидии истеҳсолот ба ҳисоб меравад.

Корбасти мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ таърихи тӯлонӣ надорад. Мувофиқи мушоҳидаи мутахассисон, бори нахуст истилоҳи мазкур дар асарҳои олими амрикоӣ Николас Негропонте ба назар расидааст ва онро чунин шарҳ додааст: «Гузариш аз коркарди атомҳо ба коркарди битҳо, имкониятҳои иқтисодиёти нав ва оғози давраи бо илму техника алоқаманд иқтисодиёти рақамиро ба миён овард.» (12, с. 27) Дигарон ба он ақидаанд, ки аввалин маротиба ин мафҳумро Дон Тапскотт дар асарҳои худ истифода бурдааст. Ӯ иқтисодиёти рақамиро ҳамчун иқтисодиёте, ки дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву компютерӣ ташаккул меёбад, шарҳ додааст. (7, с. 34) Соли 1999 бошад, ёвари президенти ИМА оид ба илмҳои технологӣ Нил Лейн дар мақолаи «Тараққиёти иқтисодиёти рақамӣ дар асри XXI» шарҳи зерини мафҳумро пешниҳод кардааст: «Иқтисодиёти рақамӣ – ин конвергенсияи технологияи коммуникатсионӣ ва компютерӣ дар шабакаи интернетӣ ва пайдошавии маълумоту технологияҳо мебошад, ки ба рушди тиҷорати электронӣ ва тағйиротҳои куллӣ дар сохторҳои идоракунанда оварда мерасонад». (2, с. 318)

Доир ба мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ» иқтисоддонону олимони ватаниву хориҷӣ дар ним асри охир асарҳои зиёде офаридаанд. Дар поён (ҷадвали 1) назари олимони маъруфи хориҷию ватаниро дар бораи мафҳуми иқтисодиёти рақамӣ меорем.

***Ҷадвали 1.*** *- Ақидаи баъзе олимони ватаниву хориҷӣ доир ба мафҳуми иқтисоди рақамӣ*

| № | Муаллиф ва сарчашма | Шарҳи мафҳум |
|---|---|---|
| 1. | Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке// Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). – С. 62. | Иқтисодиёти рақамӣ шабакаи ҷаҳонии фаъолияти иқтисодӣ, амалиётҳои тиҷоратӣ ва ҳамкории касбӣ мебошад, ки тариқи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба танзим дароварда мешавад. |
| 2. | Мирзоахмедов Ф., Сафоев Н. Цифровая экономика в социально-экономическом развитии России: взгляд молодых. – М.: Перо. - С. 187. | Иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун асоси рушди самараноки низоми идоракунии давлатӣ, иқтисодиёт, тиҷорат, соҳаи иҷтимоӣ ва тамоми ҷомеа фаҳмида мешавад. |
| 3. | Ризоқулов Т.Р. Предпосылки цифровизации экономики и их влияние на отечественный рынок труда / Ризоқулов Т.Р., Шамсов И.С. // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2019. – С. 157. | Иқтисодиёти рақамӣ – истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар ҳамаи ҷараёнҳои истеҳсолот, инчунин дар низоми идоракунӣ, ки ба тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодии ҳаёти ҷомеа оварда мерасонад, ифода менамояд. |
| 4. | Холматов М.М. Институциональные аспекты развития цифровой экономики Таджикистана // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2020. - № 1. – С. 156. | Иқтисодиёти рақамӣ фаъолияти иқтисодии дар асоси ҷоринамоии якҷои технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни истеҳсолот, идоракунӣ, давлатӣ ва асмоли инҳо бо мақсади таъмини эҳтиёҷоти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. |
| 5. | Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республике Таджикистан / Факеров Х.Н., Комилов С.Д.// Вестник ТГУК. 2019. - № 4 (29). – С. 9. | Шакли муосири ташаккули иқтисодиёт – иқтисоди рақамӣ имкон медиҳад, ки давлат ва ташкилотҳо бо воситаи маҳсулот ва фаъолияти инноватсионии худ дар ҷомеа мавқеи лидериро касб намоянд. |
| 6. | Цветков, В. А. Цифровая экономика и цифровые технологии как вектор стратегического развития национального агропромышленного сектора / В. А. Цветков, А. А. Шутьков, М. Н. Дудин, Н. В. Лясников // Вестник Моск. ун-та. – Сер. 6. Экономика. – 2018. – № 1. – С. 51. | Иқтисодиёти рақамӣ ин воситаи нави ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, сохторҳои бузурги тиҷоратӣ-корпоративист, ки ба ташаккули фазои кории мусоид ва истеҳсоли маҳсулоти электронӣ мусоидат мекунад. |
| 7. | Schiller, D. Digital Capitalism: Networking the Global Market System / D. Schiller. – Cambridge, MA: MIT Press, 1999. – p. 34. | Ба адабиёти иқтисодӣ мафҳуми «капитализми рақамӣ»-ро ворид намуда, қайд кардааст, ки интернет аз воситаи идоракунандаи давлатӣ, ҳарбӣ ва иттилоотӣ ба миёнарав табдил меёбад. |

***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллифон тартиб дода шудааст.*

Дар асоси таҳлили ақидаҳои олимони хориҷию ватанӣ доир ба мафҳуми «иқтисодиёти рақамӣ», таърифи худро пешниҳод менамоем: «Иқтисодиёти рақамӣ – ин маҷмӯи муносибатҳои иқтисодие, ки дар асоси истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии муосир дар кулли зинаҳои такрористеҳсолот ба миён омада, дар иттилоотикунонии фаъолияти ҷомеа ва ҷоришавии технологияи рақамӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ инъикос мегардад, фаҳмида мешавад»

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷузъи ҷудошавандаи ҷомеаи ҷаҳонист, ба ҷараёни рақамикунонӣ дохил шуда истодааст. Қадами аввалин дар ин самт

қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи рақамикунонии иқтисодиёт мебошад. Аз ҷумла:

- Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2011, № 643 тасдиқ карда шудааст;
- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, № 642 тасдиқ карда шудааст (17банд ва 136 зербанд);
- Қарори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.11.2003, № 1174 «Дар бораи стратегияи давлатии иттилоотӣ-коммуникатсионии технологӣ барои рушди Тоҷикистон». [14]

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 26.01.2021 ироа гардид, зикр дошт, ки дарояндаи наздик дар мамлакат таъсиси Агентии инноватсия ва технологияи рақамии назди Президенти Ҷумҳуриии Тоҷикистон ба назар гирифта шудааст. Ин имкон медиҳад, ки минбаъд асосҳои институтсионалии иқтисодиёти рақамӣ, рушди иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар тамоми мамлакат пурра ва босифат ба роҳ монда шавад.

Соли 2020 таҳқиқоти мутахассисони Созмони Милали Муттаҳид оид ба муайян намудани Индекси рушди ҳукумати электронӣ дар давлатҳои ҷаҳон нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон байни 193 давлати мавриди таҳлил қароргирифта ҷои 133-ро ишғол мекунад. Соли 2018 ҷумҳурӣ дар ҷои 139 қарор дошт. Ҷойи аввалро дар ин рейтинг Дания, сипас Кореяи Ҷанубӣ ишғл менамоянд, дар ҷои сеюм Эстония қарор дорад. Дар ин рейтинг Руссия ҷои 36, Қазоқистон ҷои 29 ва Ӯзбекистон ҷойи 87-ро ишғол намудаанд. [6]

***Ҷадвали 2.*** *- Рейтинги баъзе давлатҳо дар Индекси рушди ҳукумати электронӣ дар солҳои 2018 ва 2020*

| Рейтинг дар соли 2020 | Давлатҳо | Индекси EDGI дар соли 2020 | Индекси EDGI дар соли 2018 | Рейтинг дар соли 2018 |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Дания | 0,9758 | 0,915 | 1 |
| 2 | Кореяи Ҷанубӣ | 0,9560 | 0,901 | 3 |
| 3 | Эстония | 0,9473 | 0,8486 | 16 |
| 36 | Руссия | 0,8244 | 0,7976 | 32 |
| 29 | Қазоқистон | 0,8375 | 0,7597 | 39 |
| 83 | Қирғизистон | 0,6749 | 0,5835 | 91 |
| 87 | Ӯзбекистон | 0,6665 | 0,6207 | 81 |
| 133 | Тоҷикистон | 0,4649 | 0,422 | 131 |
| 158 | Туркманистон | 0,4034 | 0,3652 | 147 |

***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллиф бо истифодаи маълумоти таҳқиқоти СММ*

*«Рейтинги давлатҳои ҷаҳон аз рӯи Индекси рушди ҳукумати электронӣ» (EDGI Survey 2018, 2020) тартиб дода шудааст.*

Рейтинги мазкур мувофиқи меъёрҳои зерин муайян шудааст:

- сатҳи паҳншавӣ ва сифати интернет-хизматрасонӣ;
- дараҷаи рушди инфрасохтори технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ;
- сармояи инсонӣ.

Барои муайян намудани дараҷаи рақамикунонии иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон бошад, бизнес-мактаби байналмилалии INSEAD, Донишгоҳи Корнелӣ ва Ташкилоти ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ (World Intellectual Property Organization) ҳамасола ҳисоботи таҳлилиро бо номи «Индекси глобалии инноватсионӣ» нашр мекунанд. Дар ин таҳлил ду нишондиҳандаи асосӣ, яъне захираҳою шароитҳо барои гузаронидани амалиётҳои инноватсионӣ ва натиҷаҳои амалии бадастовардашудаи инноватсионӣ ба инобат гирифта мешавад.

***Ҷадвали 3.*** *- Рейтинги баъзе давлатҳо аз рӯи Индекси глобалии инноватсионӣ дар солҳои 2018 ва 2020*

| **Рейтинг дар соли 2020** | **Давлатҳо** | **GII дар соли 2020** | **GII дар соли 2018** | **Рейтинг дар соли 2018** |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Швейтсария | 66,1 | 68,4 | 1 |
| 2 | Шветсия | 62,5 | 63,1 | 3 |
| 3 | ИМА | 60,1 | 59,8 | 6 |
| 47 | Руссия | 35,6 | 37,9 | 46 |
| 77 | Қазоқистон | 28,6 | 31,4 | 74 |
| 93 | Ӯзбекистон | 24,5 | - | - |
| 94 | Қирғизистон | 24,5 | 27,6 | 94 |
| 109 | Тоҷикистон | 22,2 | 26,5 | 101 |
| - | Туркманистон | - | - | - |

***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллиф бо истифодаи ҳисоботи Индекси глобалии инноватсионӣ (Suggested citation: Cornell University, INSEAD, and WIPO (2018): The Global Innovation Index 2018: Energizing the World with Innovation. Ithaca, Fontainebleau, and Geneva, p.430.) тартиб дода шудааст.*

Мувофиқи ду ҷадвали дар боло овардашуда маълум мегардад, ки фаъолнокии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди инноватсиониву рақамикунонӣ чандон чашмрас нест. Лекин дар муқоисаи нишондиҳандаҳо бо солҳои пеш дарк кардан мумкин аст, ки сол аз сол рушди он ба назар расида истодааст. Алҳол ташкили институтҳои махсус бо мақсади ҷорӣ намудани иқтисоди рақамӣ дар сатҳи ҷавобгӯ ба стандартҳои байналмилалӣ вазифаи асосии мақомоти иҷроияи давлатӣ ва сохторҳои иқтисодӣ ба шумор меравад. Зинаи аввали иҷрои ин амал муайян намудани моҳияти рақамикунонӣ вобаста ба шароити иқтисодии давлати мо мебошад.

Иқтисодиёти рақамӣ ин натиҷаи як зина баланд шудани иқтисодиёти анъанавӣ бо воситаи шабакаҳои интернетӣ ва технологияҳои рақамӣ мебошад. Яъне, дар ҷараёни фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, субъектони хоҷагидорӣ ва аҳолӣ истифода шудани интернет низ яке аз нишонаҳои рақамикунонӣ аст.

Умуман, агар дар мисоли давлати худ гирем, аҳолии Тоҷикистон интернетро асосан

барои шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебарад. Дар ҷараёни фаъолияти субъектони хоҷагидор ва мақомотҳои идоракунанда бошад танҳо ҳангоми доду гирифти маълумот истифода мегардад. Ҳол он ки дар давлатҳои тараққикарда тақрибан 92%-и истифодаи интернет ба интиқол (хариду фурӯш)-и молу маҳсулот рост меояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳае, ки бештар рақамӣ кунонида шудааст, соҳаи савдо ва хизматрасонӣ мебошад. Тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ, барномаҳои махсуси тиҷоратӣ (интернет-магазин) хариду фурӯши молҳои ниёзи мардум ба роҳ монда шудааст.

Аксари ташкилотҳои абарқудрат рушди тиҷорати худро тариқи интернет низ тақвият медиҳанд. Барои мисол, дар ИМА мувофиқи маълумоти Forester Research ҳаҷми умумии онлайн-фурӯши чакана дар як сол тақрибан 252 млрд. долларро ташкил мекунад. Дар Хитой бошад ин нишондиҳанда ба 193 млрд. доллар баробар аст. [11] Нишондиҳандаи динамикаи тиҷорати электронӣ низ дар тамоми ҷаҳон бо суръати баланд рушд карда истодааст, ки дар диаграммаи поён оварда шудааст:

***Диаграммаи 1.*** *- Динамикаи рушди тиҷорати электронӣ дар тамоми ҷаҳон дар солҳои 2014-2023 (миллиард доллари ИМА)*




***Сарчашма:*** *Аз тарафи муаллиф бо истифодаи маводҳои маҷаллаи Statista Trend Compass 2020. – N.Y., 2019. – 235p. тартиб дода шудааст;*

Ба роҳ мондани тиҷорат бо воситаи сомонаҳои иҷтимоӣ тарафҳои мусбат ва манфии худро дорост. Ба ҷиҳатҳои мусбат мансубанд:

- осон ва қулай ба фурӯш мондани маҳсулот. Барои фурӯшанда танҳо лозим аст, ки дар саҳифаҳои иҷтимоӣ махсулоти худро пешниҳод намоянд;
- нисбатан арзон ва камхарҷ будани реклама;
- имконияти ба роҳ мондани тиҷорат дар давлатҳои ҳамсоя;
- сарфаи ками вақт ва маблағ. Савдоро метавон аз манзил низ оғоз кард ва барои ин танҳо харҷи интернетро пардохт менамоянд;
- бо воситаи шахси сеюм, ки ниёз ба даромад дорад, ба харидор расонидани маҳсулоти худ ( хизмати молрасонӣ).

Ҷиҳатҳои зерини пешбурди тиҷорат тариқи сомонаҳои интернетӣ аз ҷумлаи ҷиҳатҳои манфӣ ба шумор меравsituée:

- ба қайди давлатӣ гирифта нашудан ва насупоридани ягон намуди пардохт ба давлат;

- аз тарафи мақомоти дахлдор танзим нашудани фаъолияти фурӯшанда;
- номукаммал будани инфрасохтори логистӣ ва хизматрасонии почтавӣ;
- нисбатан баланд будани арзиши боҷи давлатӣ;
- арзиши маҳсулотро муайян намудани худи фурӯшанда.

Мавриди зикр аст, ки бо баробари ба роҳ мондани хариду фурӯш тариқи интернет муносибати иқтисодӣ ба миён меояд. Вобаста ба ин мо дахолати давлатро ба ҷараёни муомилоти харидору фурӯшанда зарур меҳисобем. Аслан, дар таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон модели ягонаи танзим ва андозбандии иштирокдорони фаъолияти тиҷорати онлайнӣ мавҷуд нест. Иқтидори Интернет имконияти ба пуррагӣ ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифтану андозбандӣ карданро надорад. Лекин худи интернет-провайдерон, сомонаҳои иҷтимоӣ, ки дар ин ё он давлат расман ба қайд гирифта шудаанд, ҳатман андоз аз даромад (18%) месупоранд.

Дар айни ҳол якчанд роҳи танзими давлатии интернет-савдоро қайд кардан мумкин аст. Аслан, дар давлатҳои Ғарб принсипи дахолат накардани давлатро тарафдорӣ мекунанд, зеро худтанзимкунӣ рақобатро пурзӯр мекунад. Дар давлатҳои Аврупо андозбандии субъектони муносибатҳои интернет-савдоро яке аз воситаҳои асосии пур кардани қисми даромади буҷети миллӣ меҳисобанд. Дар Иттиҳоди Аврупо вобаста ба боҷи гумрукӣ низоми муайян мавҷуд аст. Ҷӣ хеле ки медонем, гирдгардиши молу маҳсулот дар ҳудуди Иттиҳоди Аврупо озод ва бепардохт аст. Барои маҳсулотҳои берун аз ҳудуд воридшаванда бошад фоизи махсус муайян шудааст. Дар тамоми давлатҳои Иттиҳоди Аврупо 23% андоз аз арзиши иловашуда муқаррар карда шудааст. [4]

Дар асоси гуфтаҳои боло барои рушди минбаъдаи фаъолият тариқи интернет пешниҳодҳои зеринро ироа мекунем:

- аз тарафи мақомоти дахлдор танзим намудани фаъолияти интернет-савдо;
- дастгирии рушди тиҷорати электронӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ, алалхусус мағозаҳо ва бозорҳо;
- ташкили низоми тиҷорати электронӣ дар ноҳияҳо ва маҳалҳои дурдаст.

Ба назари мо соҳаи интернет-савдо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омили асосии рушди иқтисодиёти рақамӣ шуда метавонад. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки дахолати давлат ба ин сохтори иқтисодиёт натиҷаи мусбат додааст. Ба ҳар ҳол, танзим бояд ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти интернет-савдо, алалхусус нархгузории маҳсулоти тариқи интернет пешниҳодшударо фаро гирад.

***Пайнавишт*:**


1. *Азизкулов Д.М. Цифровая экономика: понятие, особенности и перспективы на российском рынке// Вектор экономики. - 2018. - № 3 (21). – С. 62-72.*
2. *Лейн Н. Продвижение цифровой экономики в XXI век // Границы информационных систем. – 1999. - №1. – с. 317-320.*
3. *Мирзоахмедов Ф., Сафоев Н. Цифровая экономика в социально-экономическом развитии России: взгляд молодых. – М.: Перо. - С.186-193.*
4. *Мировой опыт регулирования e-commerce [Электронный ресурс] // E- commerce журнал «E-Pepper.ru». − Режим доступа: http://www.e-pepper.ru/-articles/intervyu/mirovoj-opyt-regulirovaniya-e-commerce. html (санаи мурочиат: 22.09.2021).*
5. *Ризоқулов Т.Р. Предпосылки цифровизации экономики и их влияние на отечественный рынок труда / Ризоқулов Т.Р.,Шамсов И.С // Таджикистан и современный мир. – Душанбе, 2019. – С. 155-164.*

6. *Рейтинг стран мира по Индексу развития электронного правительства / Гуманитарный портал:* Исследования *[Электронный ресурс] // Центр гуманитарных технологий, 2006–2021 (последняя редакция: 10.03.2021). URL: https://gtmarket.ru/ratings/e-government-development-index (санаи мурочиат: 21.09.2021).*
7. *Тапскотт Д. Электронно-цифровое общество: плюсы и минусы эпохи сетевого интеллекта/ Пер. с анг. И. Дубинского. Под ред. С. Писарева. - Киев: Релфбук, 1999. – 432 с.*
8. *Факеров Х.Н. Некоторые особенности становления системы электронной коммерции в Республике Таджикистан / Факеров Х.Н., Комилов С.Д.// Вестник ТГУК.- Худжанд, 2019. - № 4 (29). – С. 8-13.*
9. *Холматов М.М. Институциональные аспекты развития цифровой экономики Таджикистана // Экономика Таджикистана. – Душанбе, 2020. - № 1. – С. 155-164.*
10. *Цветков, В. А. Цифровая экономика и цифровые технологии как вектор стратегического развития национального агропромышленного сектора/В.А. Цветков, А. А. Шутьков, М. Н. Дудин, Н. В. Лясников // Вестник Моск. ун-та. – Сер. 6. Экономика. – 2018. – № 1. – С. 51-56.*
11. *E-commerce в России: цифры, тренды, факты [Электронный ресурс] // Ассоциация компаний интернет-торговли. − Режим доступа: http://www.akit.-ru/e-commerce-russia-2013/ (санаи мурочиат 22.09.2021).*
12. *N.Negroponte. Being digital. – N.Y.: Knopf, 1995. – 265p. ISBN 0-679-76290-6*
13. *Schiller, D. Digital Capitalism: Networking the Global Market System / D. Schiller. – Cambridge, MA: MIT Press, 1999. – 294 p.*
14. *www.mmk.tj – сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузорӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (санаи мурочиат 21.09.2021)*

**_Reference literature:_**

1. *Azizkulov D.M. Digital Economy: Concept, Features and Prospects in the Russian Market // Vector of Economics. - 2018. - № 3 (21). - pp. 62-72.*
2. *Lane N. Promotion of the Digital Economy in the XXI-st Century // Borders of Information Systems. - 1999. - №1. – pp. 317-320.*
3. *Mirzoakhmedov F., Safoev N. Digital Economy in the Socio-Economic Development of Russia: the View of the Young. - M .: Pero. - pp. 186-193.*
4. *World Experience of Regulation of E-Commerce [Electronic resource] // E-commerce magazine "E-Pepper.ru". - Access mode: http://www.e-pepper.ru/-articles/intervyu/mirovoj-opyt-regulirovaniya-e-commerce.html (22.09.2021)*
5. *Rizogulov T.R. Prerequisites for Digitalization of Economy and their Impact on the Domestic Labor Market / Shamsov I.S. // Tajikistan and the Modern World. - Dushanbe, 2019 .- pp. 155-164.*
6. *Rating of Countries in the World According to the Electronic Government Development Index / Humanitarian portal: Research [Electronic resource] // Center for Humanitarian Technologies, 2006–2021 (after -day edition: 03/10/2021). URL: https://gtmarket.ru/ratings/e-government-development-index (21.09.2021)*
7. *Tapscott D., Digital Society: Pros and Cons of the Era of Network Intelligence / Per. from English Igor Dubinsky. Ed. Sergei Pisarev .// Kiev: Relfbook. - 1999. - pp. 432.*
8. *Fakerov Kh.N. Some features of the formation of the e-commerce system in the Republic of Tajikistan / Komilov S.D.// Bulletin of TSUK. 2019. - №. 4 (29). - pp. 8-13.*

9. *Kholmatov M.M. Institutional aspects of the development of the digital economy in Tajikistan // Economy of Tajikistan. - Dushanbe, 2020. - №. 1. - pp. 155-164.*
10. *Tsvetkov, V. A. Digital economy and digita/l technologies as a vector of strategic development of the national agro-industrial sector / V. A. Tsvetkov, A. A. Shutkov, M. N. Dudin, N. V. Lyasnikov // Vestnik Mosk. un-that. - Ser. 6. Economy. - 2018. - № 1. - pp. 51-56.*
11. *E-commerce in Russia: figures, trends, facts [Electronic resource] // Association of Internet Trade Companies. - Access mode: http://www.akit.-ru/e-commerce-russia-2013/ (22.09.2021)*
12. *N.Negroponte. Being digital. – N.Y.: Knopf, 1995. – 265 pp. ISBN 0-679-76290-6*
13. *Schiller, D. Digital Capitalism: Networking the Global Market System / D. Schiller. – Cambridge, MA: MIT Press, 1999. – 294 pp.*
14. *www.mmk.tj – official site of the national center legislation under the President of the Republic of Tajikistan (21.09.2021)*